Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР

Дар бораи Регламенти техникии бехатарии масолеҳ
ва маснуоти сохтмонӣ

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Регламенти техникии бехатарии масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи Регламенти техникии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 майи соли 2014, № 338
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 майи соли 2014, № 338
тасдиқ шудааст

# Регламенти техникии бехатарии масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Регламенти техникии бехатарии масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ (минбаъд - Регламенти техникӣ) ба масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ (минбаъд - маҳсулот), ки барои истеҳсол ё сохтани таркиботи (конструксияҳои) сохтмонию системаҳои дохилии муҳандисии биноҳо ва дигар иншооти сохтмонӣ истифода бурда мешаванд, татбиқ гардида, талаботи техникии риояашон ҳатмии марбут ба бехатарии маҳсулот, ҷараёни истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва коркарди партовҳои онро дар бар мегирад.

2. Ҳаммонандсозии маҳсулот барои муайян намудани мансубияти онҳо ба иншооте, ки ба соҳаи истифодаи Регламенти техникии мазкур дохил мешавад, аз рӯи таъиноти онҳо ва дигар аломатҳои асосии ин иншоот, ки дар ҳуҷҷатҳои техникии онҳо мавҷуданд, амалӣ мегардад.

3. Регламенти техникӣ барои истифода ва иҷро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи ҳатмиро нисбат ба маҳсулот бо мақсадҳои зерин муқаррар менамояд:

- ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, амволи давлатӣ, моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- ҳифзи муҳити зист, ҳаёт ва саломатии ҳайвонот ва наботот;
- пешгирии амалҳое, ки харидоронро ба иштибоҳ меандозанд.

## 2. Мафҳумҳои асосӣ

4. Мафҳумҳои асосие, ки дар Регламенти техникии мазкур истифода мешаванд:

- масолеҳи сохтмонӣ - масолеҳе, ки барои истеҳсоли маснуоти сохтмонӣ ва сохтани таркиботи (конструксияҳои) сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот пешбинӣ шудааст;
- маснуоти сохтмонӣ - маснуоте, ки барои истифода ба сифати конструксияҳои сохтмонӣ ва системаҳои дохилии муҳандисии бино ва иншоот пешбинӣ шудааст;
- таркиботи (конструксияи) сохтмонӣ - унсурҳои биноҳо ва иншоот, ки вазифаҳои борбардорӣ, иҳотагирӣ ва ё функсияи якҷояро (борбардорӣ ва иҳотагирӣ) иҷро менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ - ҳуҷҷатҳое, ки маводро дар шакли матнӣ ва дар намуди харита (нақша) дар бар гирифта, хулосаҳои меъморӣ, функсионалию технологӣ, конструктивӣ ва муҳандисии техникиро барои таъмини сохтмони асосӣ, таҷдиди объектҳои сохтмонӣ, қисмҳои онҳо, таъмири асосӣ, агар ҳангоми гузаронидани онҳо ба хусусиятҳои конструктивӣ, дигар хусусиятҳои боэътимодӣ ва амниятии объекти сохтмони аоосӣ таъсир расонида шавад, муайян менамоянд;
- бино - объекти фаъолияти шаҳрсозӣ ва низоми сохтмоние, ки аз конструксияҳои борбардор, панҷарагирӣ ё якҷояшуда иборат буда, ҳаҷми сарбастаро ба вуҷуд меоранд ва вобаста ба таъиноти вазифавӣ барои зист ва будубоши одамон, иҷрои намудҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ таъин гардидааст;
- иншоот - объекти фаъолияти шаҳрсозӣ, низоми ҳаҷмӣ, сатҳӣ ё хаттии сохтмонӣ, ки аз конструксияҳои борбардор, панҷарагирӣ ё якҷояшуда таркиб ёфта, барои иҷрои намудҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ, нигоҳдории мавод, маснуот, таҷҳизот, инчунин барои будубоши муваққатии одамон, аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани одамон, бор ва ғайра таъин гардидааст;
- иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ - таъмир, таҷдид, бунёди бино ва сохтмони объект;
- таъмир - маҷмӯи корҳои сохтмонӣ ва чорабиниҳои ташкилию техникӣ

оид ба бартараф намудани фарсудашавии ҷисмонию маънавии бино ва иншоот, ки ба тағйир додани нишондодҳои асосии техникию иқтисодии онҳо вобастагӣ надоранд;

- сохтмони асосӣ - маҷмӯи корҳои сохтмонию васлгарӣ ва чорабиниҳои ташкилию техникӣ оид ба барқарор намудани бино ва иншоот, конструксияҳо ва системаи таҷҳизоти муҳандисӣ, инчунин: нигоҳдории нишондодҳо вобаста ба истифодаи онҳо;
- таҷдид - маҷмӯи корҳои сохтмонӣ ва чорабиниҳои ташкилию техникӣ вобаста ба тағйир додани нишондодҳои асосии техникию иқтисодии ҳаҷми (шумора, масоҳат ва ё дигар нишондодҳои) бино ва иншоот ва ё таъиноти онҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити зиндагӣ, сифати хизматрасонӣ ва зиёд намудани андозаи хизматрасонӣ дар онҳо;
- марҳилаҳои мавҷудияти масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмонӣ - раванди лоиҳакашӣ, истеҳсол, интиқол, нигоҳдорӣ, фуруш, истифодабарӣ ва коркарди партовҳои масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмонӣ;
- баҳодиҳии мутобиқат - фаъолият оид ба муайян намудани мутобиқати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ, ки санҷиш, назорат, сертификатсия ва аккредитатсияро дар бар мегирад;
- тасдиқи мутобиқат - шаҳодати мутобиқати масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмонӣ ба талаботи сифат ва бехатарии муқаррарнамудаи стандартҳо ва Регламенти техникии мазкур;
- сертификатсия - фаъолиятест, ки мутобиқати махсулотро ба талаботи муқарраршуда тасдиқ менамояд;
- сертификати мутобиқат - ҳуҷҷате, ки ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ мутобиқ будани объекти баҳодиҳии мутобиқатро тасдиқ мекунад.

## 3. Талабот ба бехатарии маҳсулот

5. Маҳсулоти истеҳсолӣ бояд ба талаботи зерин мутобиқат намояд:
- ҳангоми истифода аз рӯи таъинот бехатар бошад, хусусиятҳои худро дар давоми мӯҳлати муқарраршудаи хизмат бо риояи шартҳои истифодабарӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва истифодабарӣ, инчунин стандартҳои миллӣ нисбат ба масолеҳ, маснуот ва таркиботи сохтмонӣ муқаррар шудаанд, нигоҳ дорад;
- бояд дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва истифодабарии барои бино ва иншоот пешбинишуда, ки истифодаи функсионалии онро муайян менамоянд, таъсирнокӣ ва борбардории бе вайроншавӣ, шакливазкунии нораво ва вайроншавии яклухтиро нигоҳ дорад;
- набояд ба саломатии одамон таъсири хатарнок расонад ва дорои чунин хусусиятҳое бошад, ки бехатарии нурафканӣ, радиатсионӣ, кимиёвӣ, ҳароратӣ, биологӣ, ҷудо шудани моддаҳои вайронкунандаи озон ва моддаҳои заҳрноки дар ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ ва истифодабарӣ пешбинишуда, ки истифодаи функсионалии масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмониро муайян менамояд, таъмин намояд;
- масолеҳ ва маснуоти электротехникии сохтмонӣ бояд ба талаботи муқовимати барқӣ, рахнаҳои изолятсия ва дигар хосиятҳое, ки бехатарии барқиро таъмин менамоянд ва дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию истифодабарӣ барои бино ва иншоотҳо пешбинӣ шудаанд ва истифодаи вазифавии масолеҳ ва конструксияҳои сохтмонӣ ва маснуоти барқию техникиро муайян менамоянд, мутобиқат намояд;
- ҳангоми иҷрои талаботи нишондодашуда бояд муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи бехатарии таҷҳизоти пастшиддат риоя карда шавад;
- барои таъмини талаботи сарфаи нерӯи барқ ва самаранокии энергияи маҳсулот, ки вазифаи гарминигоҳдории бино ва иншоотро аз рӯи хосиятҳои физикии ҳарорат ба иҷро мерасонад, бояд ба талаботи қонунгузорӣ дар бораи сарфаи нерӯи барқ мутобиқат намояд.

6. Маҳсулот мутобиқи қонунгузорӣ оид ба бехатарии сӯхтор бояд:
- ба оташгирӣ устувор бошад;
- ба паҳншавии алангаи оташ мамониат кунад;
- дар мӯддати вақти баҳисобгирифта қобилияти борбардориро нигоҳ

дорад;

- ба дигар талаботҳои бехатарии сӯхтор, ки дар ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ ва истифодабарии бино ё иншоот пешбинӣ шудаанд ва истифодаи вазифавии масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмониро мутобиқи қонунгузории бехатарии сӯхтор муайян менамояд, ҷавобгӯй бошанд.

7. Ҳангоми истеҳсоли маҳсулот барои лоиҳаи мушаххаси бино ё иншоот ҳама гуна ихтилофот дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ бояд мувофиқа ва тасдиқ карда шуда, ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба фаъолияти шаҳрсозӣ ворид карда шаванд.

8. Таъмини талаботи бехатарии маҳсулот дар ҳама марҳилаҳои мавҷудияти онҳо амалӣ карда мешавад.

9. Ҳангоми истеҳсол ва воридоти маҳсулот бояд шартҳои зерин иҷро карда шавад:

- ашё ва масолеҳи аввалия барои истеҳсоли онҳо бояд аз рӯи намудҳои дахлдори бехатарӣ ба талаботи стандартҳои миллӣ ҷавобгӯй бошанд;

- амалиёти раванди истеҳсолӣ, ки технологияи он ба бехатарии маҳсулоти истеҳсолшаванда таъсир мерасонад, аз ҷониби истеҳсолкунанда ҳамчун амалиёти махсусан муҳим дониста шуда, мунтазам оид ба ин амалиёт мониторинг гузаронида мешавад. Натиҷаҳои мониторинг бояд ҳуҷҷатгузорӣ карда шуда, дар бойгонии истеҳсолкунанда на кам аз як сол нигоҳ дошта шаванд;

- маҳсулот бояд тавре интиқол ва нигоҳ дошта шавад, ки талаботи истеҳсолкунанда ба интиқол ва нигоҳдорӣ вобаста ба нигоҳдории хусусиятҳои истеъмолӣ ва риояи талаботи бехатарии дар Регламенти техникии мазкур муқарраршуда иҷро шавад;

- маҳсулоте, ки дар раванди сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири пурраи объектҳои сохтмони асосӣ истифода мешавад, бояд қатъӣ тибқи таъиноти вазифавӣ, хусусият ва ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ мавриди истифода қарор дода шаванд;

- ҳангоми такроран истифодабарии маҳсулот, маснуот ва таркиботи сохтмонӣ бояд хосиятҳои боқимондаи масолеҳи истифодашуда мутобиқи талаботи таъиноти вазифавӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки истифодаашон дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ асоснок карда шудаанд ва аз рӯи хусусиятҳои худ ба талаботҳои Регламенти техникии мазкур мутобиқат мекунанд, ба ҳисоб гирифта шаванд.

10. Нобудсозии маҳсулот ҳангоми ба итмом расидани мӯҳлати нигоҳдорӣ ё истифодабарии онҳо ё ин ки дар натиҷаи кандан, аз байн бурдан ва таҷдиди бинову иншоотҳо ба миён меоянд, бо риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экология амалӣ карда мешаванд.

11. Корманде, ки дар раванди истифодабарии партовҳои маҳсулот иштирок мекунад, бояд тахассуси зарурӣ дошта бошад, тайёрии дахлдорро гузарад ва тамоми талаботҳои бехатариро риоя намояд.

12. Маҳсулоти таҳвилшаванда бояд бо ҳуҷҷатҳои зерин таҳвил карда шавад:

- ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо иттилооти зарурӣ дар бораи маҳсулот, хусусиятҳои он, соҳа ва шароити истифодабарӣ, аз ҷумла номгӯ ва аломати маҳсулот, нишондиҳанда ва хусусиятҳои он, ки ба бехатарӣ таъсир мерасонад, номи истеҳсолкунанда, номи давлати истеҳсолкунанда ва ишораи ҳуҷҷат тибқи талаботе, ки маҳсулот таҳвил мегардад;

- нусхаи ҳуҷҷати баҳодиҳии мутобиқат, ки мутобиқати маҳсулотро ба талаботи Регламенти техникии мазкур тасдиқ кардааст.

## 4. Тамғагузорӣ

13. Тамғагузории маҳсулот тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Регламенти техникии мазкур ва стандартҳои ба ҳам алоқаманд гузаронида мешавад.

14. Ҳангоми мавҷуд будани талабот дар ҳуҷҷат барои интиқоли маҳсулот, ки ба талаботи пешниҳодшуда ҷавобгӯ буда, расмиёти баҳодиҳии мутобиқатро тибқи банди 6 Регламенти техникии мазкур гузаштааст, бояд

дорои тамға бошад.

15. Тамғагузорӣ бояд фаҳмо, ба осонӣ хондашаванда ва дар сатҳи болои барои муоина дастраси маҳсулот, борпеч ё дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда дарҷ гардад.

16. Ба сифати тамғагузории иловагӣ мумкин аст раҳҳои рамзӣ истифода шаванд.

## 5. Таъмини мутобиқат

17. Мутобиқати маҳсулот ба Регламенти техникии мазкур бо иҷрои бевоситаи талаботи бехатарии он ё бо иҷрои талаботи ҳуҷҷатҳое, ки ба Номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ дохил карда, дар натиҷаи истифодаи онҳо дар асоси ихтиёрӣ риояи талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин мешавад, амалӣ мегардад. Номгӯи мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

18. Қоида ва усулҳои таҳқиқот (озмоиш) ва ченакҳо, аз ҷумла қоидаҳои интихоби намунаҳои барои истифода ва иҷрои талаботи Регламенти техникии мазкур ва амалигардонии баҳодиҳии тасдиқоти маҳсулот зарур бо стандартҳои байнидавлатӣ ва давлатӣ, ки ба Номгӯи дар боло зикрёфта дохил карда шудаанд, муқаррар мегарданд.

## 6. Талаботи умумӣ ба баҳодиҳии мутобиқат

19. Баҳодиҳии мутобиқати маҳсулот тавассути муқоисагардонии андозаи воқеии нишондиҳандаҳои хусусияти онҳо бо стандартҳои барои ин масолеҳ муқарраргардида, дигар ҳуҷҷатҳо барои таҳвил ё бо талаботи таъмини имкониятҳои истифодаи онҳо дар сохтмон амалӣ мегардад.

20. Баҳодиҳии мутобиқати маҳсулбт дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад:

- назорати техникии истеҳсолот ва маҳсулоти сохтмонии истеҳсолшуда, ки тибқи ҳуҷҷатгузории истеҳсолию меъёрӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда амалӣ мегардад;
- тасдиқи ҳатмии мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур бо роҳи барасмиятдарории сертификати мутобиқат дар асоси далелҳое, ки бо иштироки мақоми ваколатдори сертификатсиякунонӣ ва озмоишгоҳҳои таҷрибавии аккредитатсияшуда тибқи Номгӯи масолеҳ ва маснуоти дар Регламенти техникии мазкур муқарраршуда, ба даст оварда шудаанд. Номгӯи масолеҳ ва маснуоти сохтмоние, ки бояд аз тасдиқи ҳатмии мутобиқат бо роҳи барасмиятдарории сертификати мутобиқат гузаранд замима мегардад;
- тасдиқи ихтиёрии мутобиқат бо роҳи қабули декларатсия оид ба мутобиқат дар асоси далелҳои бо протоколҳои санҷишӣ тасдиқшуда ва сертификату протоколҳои санҷишии мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ва ё озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда барои масолеҳ ва маснуоти сохтмоние, ки ба Номгӯи замимашуда дохил нагардидаанд;
- назорати давлатии риояи талаботи Регламенти техникии мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

21. Баҳодиҳии мутобиқат дар шакли тасдиқоти ҳатмӣ ё ихтиёрии мутобиқат барои маҳсулоти бо таври доимӣ истеҳсолшаванда ва маҳсулоти дар муомилоти бозори сохтмонӣ таҳвилшаванда бо хусусиятҳои кофии омӯхташуда ва шартҳои истифодабарӣ татбиқ мегардад, ки бо талаботи стандартҳои байнидавлатӣ, давлатӣ ва маҷмӯи қоидаҳои ин мавод ва маснуот фарогирифта расман муқаррар шудаанд ва истифодабарии онҳо бо риояи талаботи Регламенти техникии мазкур ва барои сертификатсияи ихтиёрӣ бошад, бо дигар ҳуҷҷатҳо барои таҳвил таъмин мегардад.

22. Қоидаҳо, тартиби гузаронидан ва расмиёти баҳодиҳии мутобиқат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси талаботи Регламенти техникии мазкур муқаррар карда мешаванд.

## 7. Муқаррароти хотимавӣ

23. Назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

24. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мутобиқат, ки то мавриди амал қарор гирифтани Регламенти техникии мазкур, дода шудаанд, то ба охир расидани мӯҳлати амалашон эътибор доранд.

25. Риояи талаботи Регламенти техникии мазкур барои ҳамаи субъектҳои бамеъёрдарории техникӣ ҳатмӣ мебошад.

26. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки талаботи Регламенти техникии мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## 8. Мавриди амал қарор додани Регламенти техникии мазкур

27. Регламенти техникии мазкур пас аз шаш моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Замима
ба Регламенти техникии бехатарии
масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ

Номгӯи
масолеҳ ва маснуоти сохтмоние, ки бояд аз тасдиқи
ҳатмии мутобиқат бо роҳи барасмиятдарории
сертификати мутобиқат гузаранд

| № | Номгӯи маҳсулот | Рамзи гурӯҳҳои Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Иттиҳоди иқтисодии Аврупо ва Осиё |
|---|---|---|
| 1. | Ашё, масолеҳ ва маснуоти сохтмоние, ки нисбати онҳо меъерҳои радиоактивӣ муқаррар шудаанд | 25,26, 68,69 - Гурӯҳҳо дар пуррагӣ |
| 2. | Масолеҳи сохтмонӣ | 3904, 3918, 3919, 3920, 3921, 3922, 3925,4010,4015,4403,4406, 4407, 4409,4410,4411,4412,4413, 4814, 4823, 5603,5903, 6802, 6809,6810, 7005, 7016, 7019; 7208,7212,7213, 7214, 7215, 7216, 7217,7219, 7221, 7222, 7223, 7225, 7226,7229, 7303, 7304, 7306, 7318, 7317,7604, 7605, 7606, 7614. |
| 3. | Масолеҳ ва маснуоти сохтмонии полимерӣ барои рӯйпуши фарш | 3918, 3919, 3920, 3921, 3925, 4008, 4016,5904 |
| 4. | Масолеҳ ва маснуоти мақтаи ба дароз ӣ ченшаванда аз масолеҳи полимерӣ барои сохтмон | 3916, 3925 |
| 5. | Масолеҳи изолятснонӣ ва маҳдудкунандаи садо | 3921, 6806,7019 |
| 6. | Варақаҳои бомпуш, обногузар ва масолеҳи печидашуда (ғайр аз масолеҳ барои пур кардани ковокиҳо) | 3919, 3990, 3991, 6807, |
| 7. | Рангҳо ва минои (эмали) сохтмонӣ | 3205, 3207, 3208, 3209, 3210, 3214 |
| 8. | Қубуру фитингҳо аз моддаи пластикӣ барои таъминоти оби нӯшокӣ | 3917 |
| 9. | Чорчӯбаҳои тайёри тирезаҳо ва дарҳои алюминӣ, пластикӣ, чӯбӣ, чӯбию алюминӣ ва шишагӣ | 3925, 4418, 7008, 7610 |
| 10. | Маснуот барои пур кардани ҷойҳои холӣ дар монеаҳои зидди сӯхтор: тирезаҳо, дарҳо, дарҳои чоҳҳои лифт, дарвозаҳо, палконаҳо, сарпӯшҳои зиддисӯхтории системаҳои | 4418, 7308, 7610, 8431, 8481 |

| | | |
|---|---|---|
| | дохилии муҳандисӣ | |
| 11. | Маснуот барои роҳҳои системаҳои муҳандисии ҳимояи зидди дуд | 7326 |
| 12. | Қулфҳои комагӣ ва рӯйкашҳои дараҷаи II-IV барои дарҳои даромад ба хонаҳои биноҳо ва иншоот | 8301 |
| 13. | Қубурҳои полимерӣ барои газгузаронӣ | 3917 |